# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 08.06.2023, № 37

Барои сазовор донистани Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.0101 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.

Диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 30-юми марти соли 2023, суратмаҷлиси № 31 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна 14-уми феврали соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2014 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси журналистика хатм кардааст. Солҳои 2016-2019 дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба сифати унвонҷӯ ба кори таҳқиқӣ машғул шудааст. Аз соли 2015 то ин замон ба ҳайси омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқати шаҳри Ҳисор фаъолият дорад..

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Муллоев Абдусамад.

**Муқарризони расмӣ**: Одинаев Нурмаҳмад Сафарович – доктори илми филология, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Шамшоди Ҷамшед – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии

Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Муқарризони расмӣ ба диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар:** Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки бо имзоҳои раиси ҷаласа – номзади илми филология, мудири шуъбаи адабиёти муосир Беҳрӯзи Забеҳулло, эксперт – номзади илми филология Набиев Абдухолиқ, котиби илмии ҷаласа – номзади илми филология Шарифзода Лутфулло ва имзою муҳри директори муассиса, доктори илми филология, профессор Шарифзода Фарангис пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи баррасишаванда иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Бобораҷабова, Г.З. Маҳорати чеҳранигорӣ дар повести «Одина», романҳои «Дохунда» ва «Ғуломон»-и С. Айнӣ / Г.З. Бобораҷабова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – № 2 (74). – С. 191-195.

[2-М]. Бобораҷабова, Г.З. Таҷассуми шахсияти эҷодӣ ва чеҳраи Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Г.З. Бобораҷабова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – № 4 (76). – С. 190-194.
[3-М]. Бобораҷабова, Г.З. Шахсияти эҷодии Аҳмади Дониш дар осори Садриддин Айнӣ / Г.З. Бобораҷабова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – № 6 (78). – С. 64-69.
[4-М]. Бобораҷабова, Г.З. Ҳақиқати воқеӣ ва бадеӣ дар ҳунари чеҳранигории С. Айнӣ / Г.З. Бобораҷабова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – № 3 (80). – С. 209-217.
[5-М]. Муллоев, А., Бобораҷабова, Г. Симои Садриддин дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ / А. Муллоев, Г. Бобораҷабова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – № 3 (80). – С. 152-157.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**
[6-М]. Бобораҷабова, Г.З. Маҳорати чеҳранигорӣ дар повести «Одина», романҳои «Дохунда» ва «Ғуломон»-и С. Айнӣ / Г.З. Бобораҷабова // Артиши миллӣ сипари боэътимоди Ватан (Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ). – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. –С. 307-313.
[7-М]. Бобораҷабова, Г.З. Ҳунари чеҳранигории С. Айнӣ ва нишон додани ҳақиқати воқеӣ / Г.З. Бобораҷабова // Артиши миллӣ сипари боэътимоди Ватан (Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ). – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. –С. 317-326.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илми филология, муаллими калони кафедраи филологияи Ҳинди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Латифов Алихон Давлатович** мусбат буда, дар он ба автореферати диссертатсия ду эрод гирифта шудааст:

1. Дар муқаддимаи кор диссертант доир ба омӯзишу таҳқиқи зиндагиномаву осори устод Айнӣ ба андешаҳои донишмандону адибони машҳури гуногунзабон такя намудааст. Хуб мешуд, агар номи тарҷумони асарҳои устод Айнӣ ба забони ҳиндӣ – Раҳул Санкритяянро ҳам зикр мекарданд, зеро вай қариб ҳамаи осори насрии С. Айниро ба ҳиндӣ тарҷума намуда, шахсияти ӯро ба ҷомеаи адабии Ҳинд ошно намудааст.

2. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳифаҳои 4, 9, 16, 18) низ ба назар мерасанд.

**2. Тақризи** номзади илми филология, мудири бахши кор бо лоиҳаҳои инноватсионии раёсати илми Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Нодирова Мавзуна Акбаршоевна** низ мусбат буда, дар он ба роҳ ёфтани баъзе камбудиҳои ҷузъӣ, аз қабили ғалатҳои имлоию китобат ишора шудааст. Муқарриз қайд намудааст, ки ба сифати сарчашмаҳои асосии таҳқиқ «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Мактаби куҳна», «Аҳмади девбанд», «Ятим», «Марги судхӯр» ва «Ёддоштҳо» истифода гардида, таҳқиқи ин мавзуъ дар заминаи ду-се асари нависанда беҳтар буд.

**3. Дар тақризи** номзади илми филология, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна** дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти кори таҳқиқи ӯ таъкид гардида, дар он ба бархе аз камбудиҳои техникӣ ишора шудааст. Ба андешаи муқарриз ин камбудиҳои техникӣ ҳаргиз аҳаммияти ин кори таҳқиқиро коҳиш надода, ислоҳи онҳо муҳассаноти кори илмиро меафзояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии муосир ба омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси осори Садриддин Айнӣ – «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Мактаби куҳна», «Аҳмади девбанд», «Ятим», «Марги судхӯр» ва «Ёддоштҳо» сурат гирифта, консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигории устод Айнӣ **коркард карда шудааст;**
- нақши асноду ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва таносуби онҳо бо тахайюли бадеии нависанда **баррасӣ гардида**, равишҳо ва хусусиятҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар осори Садриддин Айнӣ **муайян гардидаанд;**
- таҳаввул ва ташаккули сарнавиштҳову характерҳои гуногун ва фарогирии вусъатноки шинохти маърифати бадеии таърих дар тахайюлоти эҷодии Садриддин Айнӣ **баррасӣ гардида,** вижагиҳои осори мансури нависанда ва ҳунари портретофарии ӯ **муайян карда шудаанд**;
- таъсир ва нақши чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар ташаккули шахсият ва рушду такомули ҳунари эҷодии Садриддин Айнӣ **исбот гардидааст;**

– падидаи ҳунарӣ ва ҷанбаҳои маърифатию ахлоқӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ тавзеҳ ёфта, биниш ва тафаккури бадеии нависанда дар чеҳранигорӣ **таҳқиқ шудааст**.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ осори илмию назарии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили М.М. Бахтин, Д.С. Лихачев, Г.Н. Поспелов, Х. Мирзозода, М. Шакурӣ, С. Табаров, Р. Ҳодизода, Х. Шарифов, А. Сайфуллоев, А. Сатторзода, А. Раҳмонзода, М. Имомзода, А. Набавӣ ва дигарон дар ҳалли масоили назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили адабӣ-структуравии матни бадеӣ ва муқоисавӣ-татбиқӣ истифода шудаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавонанд дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи адабиёти давраи нави тоҷик, таҳияи матни лексияҳо дар самти шинохти чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангию таърихӣ, махсусан, тасвири симо ва сарнавишти онҳо дар эҷодиёти Садриддин Айнӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси хулосаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи

назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар ҷараёни ҷамъоварии маводи зарурӣ, дастабандии мавзуӣ, таъйини тарҳи кор, навиштани мақола ва ҷамъбасти умумии мавзуъ мустақилият зоҳир карда, дар мавридҳои зарурӣ аз машварати роҳбари илмӣ баҳраманд шудааст.

Унвонҷӯ дар муайян намудани консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар эҷодиёти Садриддин Айнӣ, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва пешфарзҳо барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ дастовардҳои қобили таваҷҷуҳ дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 8-уми июни соли 2023 дар бораи сазовор донистани Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 12 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 12 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ
08.06.2023